Дар Вазорати адлияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
таҳти №890 аз "30" июни с. 2017
**"ба қайд гирифта шудааст"**

Бо қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
таҳти №61аз "2" июни с.2017
**"тасдиқ шудааст"**

Тағйирот дар Вазорати адлияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
таҳти №890[1] аз "24" майи с. 2019
**"ба қайд гирифта шудааст"**

Тағйирот бо қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
таҳти №54 аз "17" майи с. 2019
**"тасдиқ шудааст"**

Тартиби таъсиси Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ, ваколатҳо ва талабот ба аъзои он

Тартиби таъсиси Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ, ваколатҳо ва талабот ба аъзои он (минбаъд - Тартиб) мутобиқи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" таҳия шуда, тартиби аз ҷониби ташкилотҳои қарзии исломӣ таъсис додани Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ, ваколатҳо ва талабот ба аъзои онро муқаррар менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ (минбаъд - Кумита) мақоми дастаҷамъӣ ва мустақил мебошад.

2. Мақсади Кумита таъмини мутобиқати фаъолияти ташкилоти қарзии исломӣ ба стандартҳои фаъолияти бонкии исломӣ мебошад.

3. Кумита дар фаъолияти худ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ», дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва Тартиби мазкурро дастури амал қарор медиҳад.

## БОБИ 2. ТАРТИБИ ТАЪСИСИ КУМИТА

4. Кумита аз тарафи Шӯрои нозирони (Шӯрои парасторони) ташкилоти қарзии исломӣ (минбаъд – Шӯрои нозирон (Шӯрои парасторон) мутобиқи оинномаи ташкилоти қарзии исломӣ таъсис дода мешавад.

5. Кумита бевосита ба Шӯрои нозирон (Шӯрои парасторон) ҳисобот дода, мунтазам ба он оид ба риоя шудани принсипҳои маблағгузории исломӣ дар ташкилоти қарзии исломӣ ахбор пешниҳод мекунад.

6. Аъзои Кумита ва раиси он аз тарафи Шӯрои нозирон (Шӯрои парасторон) ба муҳлати 2 сол таъин карда мешаванд. Аъзои Кумита на камтар аз се нафар буда, метавонанд дар давраҳои минбаъда аз нав таъин карда шаванд. Аъзои Шӯрои нозирон (Шӯрои парасторон), Раис ва аъзои Раёсати ташкилоти қарзии исломӣ наметавонанд узви Кумита бошанд.

7. Шартҳо ва андозаи музди меҳнати аъзои Кумита аз тарафи Шӯрои нозирон (Шӯрои парасторон) муайян карда мешавад.

8. Узви Кумита бояд шахси воқеӣ бошад. Ширкат, ташкилот ё мақомот мутобиқи мақсадҳои Тартиби мазкур узви Кумита буда наметавонанд.

9. Номзадҳо ба аъзои Кумита бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

- дорои таҳсилоти олӣ (иқтисодӣ ё ҳуқуқӣ);

- шахси аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод;

-доштани дониши кофӣ оид ба қонунгузории бонкӣ (исломӣ) ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон;

- дорои дониш оид ба маблағгузории исломӣ бо ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда (шаҳодатнома, диплом, сертификат);

- Раиси Кумита бояд дорои собиқаи кории на камтар аз яксола дар Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломии ташкилоти қарзии исломӣ ва ё равзанаи бонкии исломӣ бошад;

- на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои Кумита дорои таҳсилоти олии дар соҳаи илми шаръӣ, махсусан дар соҳаи фиқҳи муомилот бошанд.

Ҳамзамон узви Кумита набояд:

- аз ташкилоти қарзии исломие қарздор бошад, ки қарзаш дар маҷмӯъ аз 2% андозаи сармояи танзимшавандаи он зиёдтар аст;

-узви мақоми иҷроияи (Шӯрои нозирони) шахси ҳуқуқие бошад, ки он аз ташкилоти қарзии исломӣ қарздор буда, қарзаш дар маҷмӯъ аз 10% андозаи сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзии исломӣ зиёдтар аст;

-як ё чанд шахси ҳуқуқии бо ташкилоти қарзии исломӣ манфиатҳои умумӣ доштаро назорат кунад ва/ё қарзи умумии онҳо аз ташкилоти қарзии исломӣ ё шахсони ҳуқуқии бо ташкилоти қарзии исломӣ манфиати умумӣ дошта, ҳамчун қарзи умумии як шахс мутобиқи талаботи Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда шавад;

- қарзи аз ташкилоти қарзии исломӣ гирифтааш қарзи «беэътимод» тасниф шуда бошад;

- узви мақоми иҷроияи (Шӯрои нозирони) шахси ҳуқуқие бошад, ки аз ташкилоти қарзии исломӣ ё ҳар гуна шахси ҳуқуқии бо ташкилоти қарзии исломӣ манфиати умумӣ дошта қарз гирифтааст, ки он қарзи «беэътимод» тасниф шуда буд;

-хешованди наздики узви Шӯрои нозирон (Шӯрои парасторон) ва Раёсати ташкилоти қарзии исломӣ бошад;

- дар ягон ташкилоти қарзии анъанавӣ ё ташкилоти қарзии исломии дигар, ба истисноі ҷамъияти вобаста, кор кунад;

- узви Шӯрои нозирон ё саҳмиядори (иштирокчии) дигар ташкилоти қарзии анъанавӣ ё ташкилоти қарзии исломӣ бошад;

-раис ё узви Раёсати дигар ташкилоти қарзии анъанавӣ ё ташкилоти қарзии исломӣ бошанд;

- хизматчии давлатӣ бошад (ба истисноі ташкилотҳои қарзии исломии давлатӣ).

## БОБИ 3. ВАКОЛАТҲОИ КУМИТА

10. Кумита дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- санадҳои дохилии ташкилоти қарзии исломиро ҷиҳати мутобиқат ба принсипҳои маблағгузории исломӣ муайян менамояд;

- ҳамаи маҳсулотҳои бонкии дар ташкилоти қарзии исломӣ истифодашавандаро тасдиқ менамояд;

- дар муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти ташкилоти қарзии исломӣ иштирок менамояд;

-механизми муносибро барои назорати амалиётҳои ҷории ташкилотҳои қарзии исломӣ, ҷиҳати мутобиқ будани он аз нигоҳи принсипҳои маблағгузории исломӣ муайян мекунад;

- тасдиқи самтҳое, ки маблағҳои хайрияба он равона карда мешаванд;

-ҳангоми иҷрои ваколатҳои худ, Кумита бояд дар ҳисоботи солонаи молиявӣ ифшои маълумотро оид ба мутобиқати амалиётҳои ташкилоти қарзии исломӣ ба талаботипринсипҳои маблағгузории исломӣ таъмин намояд;

-аз мақоми иҷроияиташкилоти қарзии исломӣ маълумоти зарурира барои иҷрои ваколатҳои худ талаб намояд. Мақоми иҷроия оид ба пешниҳоди маълумоти нодуруст масъул мебошад. Агар маълумоти дархостшуда ба Кумита пешниҳод нагардад, он гоҳ Кумита ба Шӯрои нозирон (Шӯрои парасторон) барои андешидани чораҳои дахлдор муроҷиат менамояд;

- барои иҷрои ваколатҳои худ воҳидҳои сохтории дахлдори ташкилоти қарзии исломиро ҷалб менамояд;

-тамоми ҳолатҳои риоя нагардидани принсипҳои маблағгузории исломиро, баъд аз огоҳ гардиданба қайд гирифта, ба Шӯрои нозирон (Шӯрои парасторон) оид ба чунин ҳолатҳо хабар медиҳад;

- баррасии маълумот оид ба номутобиқатии ягон аҳд (маҳсулот) ё амалиёт ба принсипҳои маблағгузории исломӣ, ки аз ҷониби аудити дохилӣ (хадамоти мувофиқа (комплаенс) ё нозири мувофиқа (комплаенс)) ошкор ва пешниҳод мегардад;

-доир ба номутобиқатии ягон аҳд (маҳсулот) ё амалиёт ба принсипҳои маблағгузории исломӣ ба Шӯрои нозирон (Шӯрои парасторон) барои ислоҳ намудани он тавсия медиҳад ва дар сурати ислоҳнопазир будани он манъ намудани чунин аҳд (маҳсулот) ё амалиётро пешниҳод менамояд ё андешидани чораҳои ислоҳӣ ё рафъи ҳолати баамаломадаро ба ташкилоти қарзии исломӣ маслиҳат медиҳад;

-агар ҳолатҳои риоя накардани талаботи принсипҳои маблағгузории исломӣ ба таври зарурӣ ва самарабахш баррасӣ нагарданд, ё ягон чораи ислоҳ намудани онҳо аз тарафи ташкилоти қарзии исломӣ андешида нашавад, он гоҳ Кумита доир ба ин масъала Бонки миллии Тоҷикистонро хабардор менамояд;

- доир ба санадҳои меъёрии дохилии ташкилотҳои қарзии исломӣ вобаста ба масъалаҳои принсипҳои маблағгузории исломӣ, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон (Шӯрои парасторон) тасдиқ карда мешаванд, машварат медиҳад;

-ба кормандон ва тарафҳои алоқаманди ташкилоти қарзии исломӣ доир ба принсипҳои маблағгузории исломӣ машварат медиҳад.

-дигар ваколатҳое, ки Шӯрои нозирон (Шӯрои парасторон) ба зиммаи он вогузор намудааст.

11. Кумита барои мутобиқ будани тамоми қарору хулосаҳо, инчунин аҳдҳои (шартномаҳои) басташудаи ташкилоти қарзии исломӣ ба стандартҳои фаъолияти бонкии

исломӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” масъул мебошад.

12. Ҷаласаҳои Кумита на камтар аз 1 (як) маротиба дар 3 (се) моҳ гузаронида мешаванд. Ҷаласаҳои Кумитаро ҳамчунин ба воситаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ гузаронидан мумкин аст. Ҷаласаҳои ғайринавбатии Кумита метавонанд ҳангоми зарурат бо талаби узви Кумита, Раёсат ва ё Шӯрои нозирони (Шӯрои парасторони) ташкилоти қарзии исломӣ гузаронида шаванд. Даъват ба ҷаласаи ғайринавбатии Кумита бояд дар шакли хаттӣ ва ё тавассути почтаи электронӣ ё дигар намуди алоқа ба аъзои Кумита ирсол карда шавад.

13. Огоҳинома оид ба баргузории ҷаласаҳои навбатӣ ва ғайринавбатии Кумита бо супориши Раиси Кумита сари вақт бо қайди замон, макон ва рӯзномаи ҷаласа ба ҳамаи аъзои Кумита тавассути почта, факс, телеграмма ё почтаи электронӣ ирсол карда мешавад. Агар сана, вақт ва ҷойи гузаронидани ҷаласаи навбатии Кумита дар ҷаласаи пештара эълон шуда бошад, равон кардани огоҳинома талаб карда намешавад. Ҷаласаи Кумита метавонад мавқуф гузошта шавад, агар ҳамаи аъзои он розигии худро оид ба он пешниҳод намоянд.

14. Рӯзнома ва маводи ҷаласа, аз ҷумла ҳисоботҳо бояд ба аъзои Кумита 5 (панҷ) рӯз пеш аз баргузории ҷаласа пешниҳод карда шаванд.

15. Ба фаъолияти Кумита Раиси Кумита роҳбарӣ мекунад. Раиси Кумита ҷаласаҳоро даъват намуда, дар онҳо раисӣ мекунад. Ҳангоми набудани Раиси Кумита вазифаи ӯ мутобиқи низомномаи дохилии Кумита ба дигар аъзои Кумита вогузор карда мешавад.

16. Аъзои Кумита ҳуқуқ доранд ба ҳамаи ҳуҷҷатҳо, ҳисоботҳо ва дигар иттилоот, ки аз ҷониби кормандони ташкилотҳои қарзии исломӣ дар доираи салоҳияташон пешниҳод шудаанд, дастрасӣ дошта бошанд.

17. Қарори Кумита имкон дорад бе даъват намудани ҷаласа, бо роҳи пурсиши хаттии аъзои Кумита қабул карда шавад.

18. Қарорҳои Кумита танҳо дар ҳолати дар баррасии онҳо иштирок доштани на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои он, ки дорои тахассуси соҳаи илми шаръӣ, махсусан дар соҳаи фиқҳи муомилот ҳастанд, қабулшуда ҳисобида мешавад. Ҳангоми баробар будани овозҳо, овози Раиси Кумита ҳалкунанда мебошад.

19. Додани ҳуқуқи овоздиҳӣ ба аъзои дигари Кумита манъ аст.

20. Котиби Кумита (минбаъд – котиб) аз ҳисоби кормандони ташкилоти қарзии исломӣ ва ё шахси ҷалбшуда аз ҷониби мақоми иҷроия таъин карда мешавад. Котиб ҳуҷҷатҳои баррасишавандаи Кумита, пайнавишти ҷаласаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои вобаста ба фаъолияти Кумитаро омода менамояд.

21. Қарорҳои Кумита бо пайнавишт ба расмият даровarda шуда, аз ҷониби раисикунандаи ҷаласаи Кумита ва котиб имзо карда мешаванд.

22. Ваколати аъзои Кумита дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:

-бинобар гузаштани муҳлати ваколат;

-бо хоҳиши худ баромадан аз ҳайати Кумита;

-иҷро карда натавонистани ваколатҳои худ бо сабаби бад шудани вазъи саломатӣ, ки бо ҳуҷҷати тиббӣ тасдиқ шудааст;

- риоя накардани маҳдудиятҳое, ки Тартиби мазкур муқаррар кардааст;

- суиистифода аз ваколатҳо;

-нисбат ба узви Кумита баровардани ҳукми айбдоркунии суд ва эътибори қонунӣ пайдо кардани он;

-бе сабабҳои узрнок иштирок накардан дар ҷаласаҳои Кумита дар муддати тӯлонӣ (зиёда аз 75 % ҷаласаҳо дар як сол);

- ба талаботи банди 9 Тартиби мазкур ҷавобгӯ набудани узви Кумита;

- дар ҳолати фавти узви Кумита.

23. Бонки миллии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Шӯрои машваратии хизматрасонии бонкии исломӣ ҳуқуқ дорад аз Шӯрои нозирони (Шӯрои парасторони) ташкилоти қарзии исломӣ аз узвият маҳрум сохтани узви Кумитаро, ки ба талабот ҷавобгӯ нест, талаб намояд.

24. Узви Кумита ҳуқуқ дорад дар бораи аз ҳайати Кумита баромадан дар муддати на дертар аз як моҳ ба Шӯрои нозирон (Шӯрои парасторон) бо ариза муроҷиат намояд.

25. Ташкилоти қарзии исломӣ уҳдадор аст, ки Бонки миллии Тоҷикистонро дар бораи аз ҳайати Кумита баромадани узви Кумита на дертар аз се рӯз аз санаи баромадан хабардор намояд.

26. Аъзои Кумита уҳдадоранд:

- ҳангоми баррасии масъалаҳои дар назди онҳо гузошташуда беғараз ва воқеъбин бошанд;

- доир ба масъалаҳои баррасишаванда хулосаю тавсияҳои саҳеҳ, асоснок ва далелнок диҳанд;

- дастури муқарраршударо риоя карда, доир ба масъалаҳои дар назди онҳо гузошташуда хулоса ва тавсияҳои саривақтӣ диҳанд;

- низоми сирри бонкӣ ва тиҷоратиро нисбат ба маълумоте, ки ҳангоми иҷрои вазифа ба онҳо дастрас шудааст, риоя намоянд;

- ҳангоми мавҷудияти ақидаҳои гуногун одобро риоя карда, қарорҳои Кумитава Шӯрои машваратии хизматрасонии бонкии исломиро вайрон накунанд;

- расмиёт ва стандартҳоеро, ки Шӯрои машваратии хизматрасонии бонкии исломӣ маъқул дониста, Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, риоя намоянд.